Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзуи «Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Воқеияти муосири иқтисодӣ ташаккули равишҳои навро ба танзими муносибатҳои молиявӣ, ки ба таъмини соҳибихтиёрии давлат ва муқовимати низоми молиявии давлат ба бӯҳронҳои иқтисодии ҳама гуна миқёс нигаронида шудааст, тақозо мекунад. Дар шароити таҳдиди сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ, ки аз як тараф, ба афзоиши фарқияти байни иқтисоди воқеӣ ва виртуалӣ, аз тарафи дигар, гузаштан ба низоми бисёрқутбаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ

ба вуҷуд омадааст, як катор мавкеъ ва муносибатҳои парадигмавӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои молиявӣ тағйир ёфта, шаклҳои нав ташаккул меёбанд, ки шароиту омилҳои рушди низоми молиявии давлатро муайян мекунанд. Ташаккули модели муассири ҳуқуқии танзими муносибатҳои молиявӣ, ки ҷавобгӯ ба мушкилоти муосир аст, омӯзиши проблемаҳои асосии соҳаи молиявию ҳуқуқӣ, муайян намудани сабабҳо ва муайян намудани роҳҳои ҳалли онҳоро тақозо менамояд. Таҳлили қонунгузории молиявӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ ба мо имкон медиҳад, ки мушкилиҳои татбиқи механизми танзими молиявию ҳуқуқӣ аз истифодаи воситаҳои алтернативии ҳуқуқии танзими муносибатҳои молиявӣ ба миён меоянд, яъне аз татбиқи расмиёти сершумори маъмурӣ дар доираи фаъолияти молиявии давлат, баробар кардани моҳияти ҳатмии муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ; номувофиқатии дохилии санадҳои қонунгузории молиявӣ ва ғайра.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмӣ-назариявӣ-методологии рушди қонунгузории молиявии бахшида шудааст. Бо вуҷуди он ки муҳаққиқони рус самтҳои гуногуни рушди қонунгузории молиявиро то андозае баррасӣ намудаанд, таҳқиқоти мукаммали самти ҳуқуқии ин масъала, ки дар сатҳи назарияи ҳуқуқӣ, методологияи тадқиқоти ҳуқуқӣ баррасӣ шуда бошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона аст.

Бо мубрам арзёбӣ гардидани рушди қонунгузории молиявии ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ он мавриди пажӯҳишу баррасии комил қарор нагирифтааст ва корҳои илмӣ-тадқиқотии бунёдӣ низ дар ин бахш ҷой надоранд. Бо вуҷуди рӯи нашр омадани баъзе аз мақолаву монографияҳои илмӣ аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, намояндагони риштаҳои мухталифи илмӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ онҳо натавонистаанд, ки паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкурро аз нигоҳи илмӣ моҳиятан баррасӣ ва ҳал намоянд. Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ бо дарназардошти

таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии мафҳум, хусусият ва роҳҳои ташаккули рушди қонунгузории молиявӣ дар ҳамбастагӣ ва робита бо таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ аз нигоҳи илмӣ мубрам арзёбӣ гардидааст.

Таҳияи назарияи ҳуқуқи молиявӣ ва қонунгузории молиявӣ бояд ба дарёфти воситаҳои муассири ҳуқуқӣ нигаронида шавад, ки ба муттаҳидсозии пайвастаи қонунгузории пурраи шартҳои асосии ӯҳдадориҳои молиявӣ, ба низом даровардани низоми чораҳои ҷавобгарии молӣ барои вайрон кардани қонунгузории молиявӣ, барои бартараф намудани номувофиқатии дохилии санадҳои қонунгузории молиявӣ ва ғайра.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар ташаккул ва рушди сохтори иқтисодии ҳар ҷомеаи муосир танзими давлатӣ, ки дар доираи сиёсати иқтисодии интихобгардида амалӣ мегардад, нақши пешбаранда ва муайянкунанда дорад. Яке аз механизмҳои нисбатан муҳиме, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд, ин низоми молиявии давлат мебошад, ки бахшҳои асосии онро низоми буҷет, андоз ва гумрук ташкил медиҳад.

Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои молиявӣ дар таърихи давлат ва ҳуқуқи тоҷикон чун ҷузъи ҷудонопазири ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар ҳама марҳилаҳои давлатдорӣ арзи ҳастӣ доштанд.

Арзёбии муаллиф бобати дар замони Истиқлолият қонунгузории молиявии ҷумҳурӣ дар давраи фаъоли рушди худ қарор дошт ва бо дигар шудани муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ алоқаманд мебошад, қобили дастгирист. Табиист, ки муносибатҳои нави иқтисодии дар кишвар ба вуҷудомада дар назди қонунгузории молиявӣ, андоз ва гумрук вазифаҳои нав ба навро мегузоранд. Бо дарназардошти ин омилҳо, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози таърихӣ-ҳуқуқӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти молиявии давлат дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва буҳрони молиявию иқтисодӣ ин дуруст, бонизом ва самаранок ба роҳ мондани идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ мебошад. Зеро иқтисоди бозорӣ бе низоми молиявии хуб ташкилшуда ва бозори молиявии танзимшаванда бомуваффақият ва устувор рушд карда наметавонад.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани мавзӯи таҳқиқотии диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим-ро собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф масъалаҳои ташаккули рушди қонунгузории молиявӣ арзёбӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар ҷараёни таҳқиқот муайян намудани пайдоиши муносибатҳои молиявӣ дар аҳди қадим ва асримиёнагии Тоҷикистон то даврai шӯравӣ; таҳқиқи пайдоиш ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ; таҳлили ташаккул ва рушди қонунгузории молия дар даврони соҳибистиқлолии кишвар; баррасӣ ва омӯзиши марҳилаҳои инкишофёбии қонунгузории молиявии ҶТ; таҳлили рушди қонунгузории молиявӣ оид ба назорат ва идоракунии давлатии соҳаи молия; муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи қонунгузории молиявӣ дар шароити муосир ва ғайраҳо.

Диссертатсияи Абдуалимзода Исмоил Иброҳим бо низом таҳия гардида, сохтори рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Сохтори диссертатсия ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, ҳамаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди қонунгузории молиявӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омӯзиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Асосҳои методологии рисоларо усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ташкил додаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд. Ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ низ истифода бурда шудаанд. Ҳамаи ин усулҳо ба муаллиф имконият додаанд, ки як қатор пешниҳод, хулоса ва тавсияҳои муҳимму асосноки илмиро пешкаш созад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертасия "**Пайдоиш ва шаклгирии қонунгузории молиявӣ дар даврони тошӯравӣ ва шӯравӣ дар Тоҷикистон**" ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби аввали боби якум, **"Ташаккул ва инкишофи муносибатҳои молиявӣ дар Тоҷикистони тошӯравӣ"** пурра ба масоили ташаккулёбӣ ва инкишофи низоми қонунгузории молиявии тошуравӣ бахшида шудааст.

Дар зербоби мазкур, низоми қонунгузории молиявии давлатҳои қадими Осиёи Миёна ва махсусан, давлатҳои ниёгони миллати тоҷик мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Дар ин зербоб инкишоф ва ташаккули низоми молиявӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон то пайвастани Тоҷикистон ба Иттиҳоди Шӯравӣ асосан дар се самт баррасӣ шудааст: дар самти андоз, пул ва муносибатҳои пулӣ, инчунин дар самти суғурта.

Таҳқиқоти масоили низоми қонунгузории молиявӣ дар асоси китобҳои "Авесто", "Шоҳнома", "Таърихи табарӣ", низоми андозбандии Ҳахоманишинҳо, "Қонунномаи"-и Сосониён, "Сиёсатномаи"-и Низомулмулк ва инчунин ислоҳоти низоми молиявӣ дар аҳди Сомониён мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Зербоби дуюм, ба масъалҳои **“Инкишофи қонунгузории молиявӣ дар Тоҷикистони шӯравӣ”** бахшида шуда, таърихи навини ташаккули қонунгузории молиявӣ ба таври муфассал баррасӣ гардидааст. Таърихи инкишофи низоми молиявӣ аз соли 1924 оғоз мегардад, ки дар ин марҳилаи таърихӣ Тоҷикистон дар ҳайати ҶСС Ӯзбекистон ташкил ёфта, марҳилаи нави рушди қонунгузории молиявӣ мегардад.

Низоми қонунгузории молиявиро дар давраи Иттиҳодии Шӯравӣ соҳаҳои буҷет, назорати молиявӣ, асъор, қоғазҳои қимматнок ва ғайра ташкил медод. Дар зербоби мазкур низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои молиявӣ ба се гурӯҳ тақсим шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Гурӯҳи якум, қонунгузорӣ дар соҳаи андоз мебошад. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ як қатор ислоҳот дар соҳаи низоми андозбандӣ гузаронида шуд, ки онҳо аслан қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирифтанд. Ислоҳоти нахустин дар ин самт соли 1930 дар ИҶШС оғоз ёфта, низоми андозситониро тағйир дод. Санаи 2 сентябри соли 1930 Қарори Кумитаи иҷроияи марказӣ “Дар бораи ислоҳот” қабул гардид. Соли 1931 як қатор қарорҳои мушаххаскунандаи ислоҳот ба тасвиб расид. Дар соли 1936 бошад, низоми пардохт барои корхонаҳои давлатӣ ва бахши колхозию кооперативӣ тағйир дода шуд.

Марҳилаи муҳим дар инкишофи фаъолияти суғуртавӣ ин қабули Қоидаҳо дар бораи суғуртаи давлатӣ аз тарафи КМИ (кумитаи марказии интихоботӣ) ва ИКХ (иттифоқи комисариатҳои халқӣ) Иттиҳоди Шӯравӣ 18 сентябри соли 1925 гардид, ки суғуртаро дар тамоми шакл ва намудҳояш монополияи давлати ИҶШС эълон кард, инчунин муқаррар намуд, ки «суғуртаи давлатӣ дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷониби ташкилоти суғуртаи ягона «Госстрахом» (номи ташкилоти суғуртавӣ) амалӣ гардонида шавад».

Кодекси граждании ИҶШС дар боби «Суғуртаи давлатӣ «ҳамагӣ панҷ моддаро дар бар мегирифт. Суғурта ҳанӯз дар соли 1922 ворид

карда шуда, танҳо аз соли 1924, вақте ки иқтисодиёти Шӯравӣ каме устувортар гардид, он бештар рӯ ба тараққиёт овард. Суғуртаи ихтиёрии ҳаёт ва суғурта аз ҳодисаҳои нохӯш, суғуртаи омехтаи хаёт, масъулияти суғуртавӣ дар вобастагӣ ба гум кардани қобилияти меҳнатӣ аз ҳодисаи нохӯш иҷозат дода шуд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масоили "**Инкишоф ва рушди қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол**" бахшида шуда, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум, проблемаҳои "**Марҳилаҳои инкишофёбии қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ**" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар ҶТ ба ислоҳоти соҳаи идоракунии молияи давлатӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Низоми молиявии давлат яке аз механизмҳои нисбатан муҳимме мебошад, ки ба давлат имконияти амалӣ намудани танзими иқтисодӣ ва иҷтимоиро таъмин менамояд.

Дар аввали солҳои Истиқлолияти давлатӣ ҶТ дар масъалаи азнавсозиҳои молиявӣ-иқтисодӣ, дар маҷмуъ бо бисёр мушкилотҳо рӯ ба рӯ гардида, сохторхои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқии ҶТ пурра мавриди тағйирот ва ислоҳот қарор дода шуданд. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, баробарӣ ва ҳифзи тамоми шаклҳои моликият ва низоми нави ҳуқуқию молиявӣ аз ҷумлаи ин тағйиротҳо маҳсуб меёбанд.

Хусусияти хоси инкишофи қонунгузории молия дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки ислоҳоти молияи давлатӣ дар асоси стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ сурат гирифта истодааст, ки ба рушди босуботи қонунгзории соҳа мусоидат менамояд.

Зербоби дуюми боби дуюм – «**Рушди қонунгузории молиявӣ оид ба назорат ва идоракунии давлатии соҳаи молия**» ном гирифта, низоми идоракунӣ ва назорати молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Назорати давлатии молияро батанзимдарории ҳуқуқӣ ба низом

медарорад. Дар ин ҷода, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд: аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар ҶТ». Бояд қайд намуд, ки Қонуни мазкур ҳамчун санади танзимкунандаи муносибатҳои назорати давлатии молиявӣ, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба назорати давлатии молиявӣ, мақсад, вазифаҳои назорати давлатии молиявӣ, принсипҳои амалӣ намудани он, мақоми назорати давлатии молиявӣ, намудҳои фаъолияти назорати давлатии молиявӣ, ҳамкорӣ бо дигар мақомоти назоратии ҶТ, ҳуқуқ ва ваколатҳои кормандон ва амалӣ гардонидани фаъолияти дигари ба он алоқамандро танзим менамояд.

Дар зербоби сеюми боби дувум масоили "**Самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи қонунгузории молиявӣ дар шароити муосир** " мавриди таҳқиқ қарор гирифта, як қатор стратегияҳои давалатӣ дар самти руши қонунгузории молиявии ҶТ баррасӣ шудаанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҶТ ба масъалаҳои беҳтар намудани таҳия ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ аҳамияти зиёд дода мешавад. Бо Фармони Президенти ҶТ аз 31 январи соли 2020, №1446 "Стратегияи идоракунии молияи давлатии ҶТ барои давраи то соли 2030" тасдиқ шудааст.

Таҳлили стратегияҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки нақши стратегияҳо дар ҳалли масъалаҳои молиявӣ назаррас буда, барои пешрафт ва инкишофи низоми молиявии кишвар саҳми арзанда доранд. Хусусиятҳои хоси инкишофи қонунгузории молия дар замони Истиқлолияти давлатӣ дар он ифода меёбад, ки ислоҳоти молияи давлатӣ дар асоси стратегияҳову барномаҳои давлатӣ сурат гирифта истодааст, ки ба рушди босуботи қонунгзории соҳа мусоидат менамоянд. Дар ин замина, зарур аст, ки қонунгузории молия пайваста бо дарназардошти самтҳо ва вазифаҳои дар ин ҳуҷҷатҳои давлатӣ пешбинишуда такмил дода шуда, ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои дар онҳо дарҷшуда имконият фароҳам оварда шавад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои ташаккул ва рушди конунгузории молиявии Тоҷикистон муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти мақсаду вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодхое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд, ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоранд. Пешниҳод ва нуқтаҳои илмии диссертатсия ба тадқиқоти назариявию объективӣ такя намуда, натиҷагириҳо асосноку боэътимод буда, ба мулоҳиза ва хулосабарориҳои муаллиф асос ёфтаанд. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар он аст, ки он аввалин рисолаи комплексии илмӣ оид ба таҳкиқоти рушди қонунгузории молиявӣ буда, муаллиф бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии қонунгузории молиявӣ падидаи мазкурро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашидааст.

Гузашта аз ин, таҳқиқбаранда вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳукукии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба танзими муносибатҳои молиявӣ, дохилӣ ва хориҷӣ, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

**Асоснок ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд дар самтҳои зерин ҳадафмандона истифода гарданд: такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи молия; ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи молиявӣ; қабул ва мавриди амал

қарор додани ҳуҷҷатҳои барномавӣ барои беҳтар ва рушд додани низоми молиявии кишвар аз нуқтаи назари заминаҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва монанди инҳо.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим аҳамияти муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалиро доро мебошад. Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он аст, ки андешаҳои муаллиф фаҳмишҳои илмии ташаккул ва инкишофи қонунгузории молиявии Тоҷикистонро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии анҷомдодаи муаллиф имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии инкишофи қонунгузории молиявӣ, самтҳои асосии баланд бардоштани он дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шаванд.

Нуктаҳо ва тавсияҳое, ки муаллиф дар диссертатсия баён намудааст, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ баромад карда, дар оянда мумкин аст дар татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба маърифати ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда

ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дар худ ҷой додааст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллиф дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд менамояд, ки “Андозҳо дар марҳилаҳои аввали инкишофи ҷомеаи инсонӣ, вақте ки иттиҳодияҳои қабилавӣ ба сохторҳои давлатӣ табдил меёбанд, шакл мегиранд. Онҳо хайрияҳое буданд, ки субъектҳо барои ҳифзи ҳаёт, озодӣ ва моликияти худ ба давлат медоданд. Ба сохти давлатӣ табдил ёфтани иттиҳодияҳои қабилавӣ марҳилаи муҳимми пайдоиши андозҳо мебошад.

Аз ин рӯ, пайдоиши андозҳоро дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон бояд ба пайдоиши аввалин сохторҳои давлатӣ дар ин ҳудудҳо нисбат дод. Таъкид кардан ба маврид аст, ки дар ҷамоаҳои то давлатӣ як навъ пардохтҳои ба андоз монанд арзи вуҷуд дошт.” (саҳ. 12-13, дисс.), ки ин қобили дастгирист. Дар ҳақиқатан ҳам он пардохтҳо дар ҳамон замон нишонаҳои андозро доро буданд. Аммо дар хулосабарории ин нукта муаллиф аз ақидаи худ даст кашида, иброз менамояд, ки: “Аз сабаби он ки имрӯзҳо ба сифати яке аз нишонаҳои андоз субъекти андозситон – давлат муқаррар шудааст, пардохтҳои ҷамоатҳои тодавлатиро андоз гуфтан душвор мебошад. (саҳ.13, дисс.),” Ба андешаи мо, ин хулосабарории муаллиф якдарача баҳснок мебошад.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки “Таълимоти ҳуқуқии Абӯҳанифа серҷабҳа буда, он масъалаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, давлатӣ, назариявӣ, оилавӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар байни таълимоти ҳуқуқии ӯ нақши закот ҳамчун як намуди андоз хоса аст. Закот маънои «покӣ» ва «зиёдат»-ро ифода намуда, аз молҳои ҳалол рӯёнида, дар «хазинаи

давлат», яъне «байтулмол» нигоҳ дошта мешавад. Таъиноти он дар дастгирии ятимону бечорагон ва инчунин ҳалли баъзе масоили сиёсӣ ифода меёбад" (саҳ. 36 дисс.), ки ин кобили дастгирист.

Аммо ақидаҳои иброзшуда ва хулосабарориҳои муаллиф бо оятҳои Қуръони карим (Сураи Моъун 107), ҳадисҳои саҳеҳ (ба монанди Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Имом Молик ва диг.) асоснок карда нашудаанд.

3. Муаллиф ибрози ақида менамояд, ки: "суғурта бояд ҳамчун омили асосии ҷамъшавии тавозуни пардохти давлат, инчунин воситаи танзими давлатии иқтисодиёт, ки барои кам кардани сарбории молиявии буҷа барои барқарор намудани захираҳои моддию меҳнатӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои суғурта талаф ёфтанд, баррасӣ карда шавад. Таъкид бояд намуд, ки масоили суғурта гарчанде аз нигоҳи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва гражданӣ баррасӣ шавад ҳам, масоили алоҳидаи он хоси танзими конунгузории молиявӣ буд ва мебошад. Худи истилоҳи «суғурта» маъно аз зарари эҳтимолӣ бо пул таъмин кардани худ бо роҳи ҳақгузории мунтазам ба муассисаи дахлдор, ки ҳангоми рӯй додани чунин зарар пардохти ҳаҷми маблағи зарарро ба уҳда гирифтааст, дорад." (саҳ. 53 дисс.).

Ин гуфтаҳои муаллиф дар умум дуруст бошанд ҳам, аммо ба андешаи муаллиф, ки истилоҳи «суғурта»-ро маънидод намудааст, он қадар рози шуда наметавонем. Мафҳуми ибтидоӣ дар ҳуқуқи суғурта ин худи «суғурта» мебошад. Суғурта аз калимаи русии «страх» гирифта шуда, маънои аввалаш тарс, ваҳм, ҳарос мебошад. Маънои дуюми калима дар шакли «страховать»-и русӣ буда, суғурта намудан, пешгирӣ кардан, пешакӣ ҳимоя намудан, пеши чизеро гирифтан, эҳтиёт кардан мебошад. Дар забони англисӣ мафҳуми мазкур дар шакли «insurance» омада, маънояш боварӣ, эътимод мебошад. Дар забони тоҷикӣ калимае, ки метавонад «суғурта»-ро иваз намояд, «бима» мебошад, ки дар забони форсӣ роиҷ аст.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари мавриди истифода қарор дода шудани адабиётҳои ватанӣ бояд аз ҷониби унвонҷӯ ба сарчашмаҳои илмии соҳавии молиявӣ эътибор дода мешуд. Аз ин нуқтаи назар муаллифро зарур аст, ки дар оянда роҷеъ ба такмили натиҷаҳои илмӣ барои ташаккули ғояҳои илмии молиявӣ-ҳуқуқӣ эътибори худро ҷалб намояд. Инчунин, дар таҳқиқот масоили ҳамбастагии суғурта бо муносибатҳои молиявӣ ва танзими ҳуқуқии онҳо ишора рафта бошад ҳам, аммо ба таври пурра масъалаи мазкур таҳлил карда нашудааст (саҳ. 54 дисс.).

5. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар саҳифаи 101 таҳқиқот масоили идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аммо ба таври возеҳу равшан масъалаи мазкур зикр наёфтааст. Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ хоҳиш мешавад, ки нақши падидаҳои мазкур дар амалишавии қонунгузории молиявӣ чӣ мавқеъ доранд?

**Хулоса дар бораи мутобиқатии диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назарияи ҳуқуқ саҳми сазовори худро гузорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуалимзода И.И. ба талаботи бандҳои 31

ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимзода Исмоил Иброҳим ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Шоведов Х.Н.

«02» май 2023 с.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
E.mail:bobojonov_i@mail.ru; info@ifppanrt.tj
Телефон: +992 (37) 221-03-28; (+992) 93-510-77-11